МУРОДАЛӢ СОБИР

# МУБОРАК БОД!

**МУБОРАК БОД!**

Ҳам Ваҳдату Истиқлол,
Ҳам шодиву ҳам иқбол,
Бошанд ҳазорон сол
Поянда, муборак бод!

Шуд кишвари мо обод,
Халқаш ҳама шуд дилшод,
Шуд деҳаву шаҳр обод,
Фархунда, муборак бод!

Зебанда Ватан дорем,
Гулбоғу чаман дорем,
Аз сидқ сухан дорем,
Зебанда, муборак бод!

Ин давлату ин Сарвар,
Ба халқу Ватан, Раҳбар,
Бар мардуми ин кишвар
Арзанда, муборак бод!

Мо якдилу ҷон ҳастем,
Якпора ҷаҳон ҳастем,

Оянда равон ҳастем,

Оянда муборак бод!

## ВАТАН

Ту маскани саодатӣ,
Ту даргаҳи муҳаббатӣ.
Ту шуҳрати замонаӣ,
Чу ишқ ҷовидонаӣ.

Ватан, Ватан, Ватан, Ватан,
Маро ту ҳамчу ҷон ба тан!
Хуҷаста бошу сарбаланд!
Хуҷаста бошу бегазанд!

Ту модари ягонаӣ!

Баҳори ҷовидонаӣ!

Ватан, Ватан, Ватан, Ватан,

Туӣ тавони ҷону тан!

## ДАВЛАТИ ИСТИҚЛОЛ

Хуш кишвари озода,
Хуш бахти Худодода,
Сад қиссаву сарвода
Аз давлати Истиқлол!

Шодона  қадам монад,
Аз бахт сухан ронад,
Дар арш парафшонад,
Аз давлати Истиқлол!

Ҳам давлати поянда,

Сарбахти физоянда,

Имрӯзаву оянда

Аз давлати Истиқлол!

## ЗАБОНИ МОДАРӢ

Шукӯҳи сарварии мо
Забони модарии мо,
Забони ориёнӣ аст,
Забони модарии мо.

Хушо, савту садо дорад,
Чи воло нуктаҳо дорад,
Ба ҷону дида ҷо дорад
Забони модарии мо.

Ҳама нуру зиё бошад,

Нишоне аз ниё бошад,
Чу субҳи босафо бошад
Забони модарии мо.

Ҷаҳони мо, равони мо,
Фурӯғи достони мо.
Сафои хонадони мо –
Забони модарии мо.

Туӣ оинаи миллат,
Туӣ ганҷинаи миллат.
Чу дил дар синаи миллат
Забони модарии мо!

# САНГПУШТА ОРУ ГАЗИД

Сангпуштаки беозор,
Дар байни як алафзор
Хушдил буду шодон буд,
Бо роҳи худ равон буд.
Як оруи алое,
Ору не, як балое
Гирду бари ӯ парид,
Тори сарашро газид.
Тори сараш варам кард,
Беҳад ба вай алам кард:

Ин сӯ гардонад, нашуд,
Он сӯ гардонад, нашуд.
Танаш – даруни хона,
Сараш – беруни хона.
То нимаи шаб нахуфт,
Дар ғайбати ору гуфт:
Оруяки алое!
Туро занад балое!
Чӣ қаҳру зардаат ин?
Чӣ кори кардаат ин?
Кардӣ маро ҷигархун,
Чи кор кунам ман акнун?
Дар ин ҳавои серун

Хобам зи хона берун.

## ДУШАНБЕ

Ту шаҳри сулҳу ваҳдатӣ,
Ту маншаи саодатӣ,
Бақои халқу миллатӣ,
Ба қалби мо муҳаббатӣ,

Ту рамзи бахти кишварӣ!
Ту тоҷу тахти кишварӣ!

Ба сулҳи мо либо туӣ,
Сари баланди мо туӣ,
Фурӯғи дидаҳо туӣ,

Чу ганҷи бебаҳо туӣ,

Ту рамзи бахти кишварӣ!
Ту тоҷу тахти кишварӣ!

Туӣ биҳишти дилнишин
Чароғи бахти сарзамин
Ту шаҳри бахтофарин
Ба қалбу ҷони мо қарин.

Ту рамзи бахти кишварӣ!
Ту тоҷу тахти кишварӣ!

## МАКТАБУ МУАЛЛИ М

Сар мешавад ба олам
Роҳи дарози матлаб
Аз ҳикмати муаллим,
Аз остони мактаб.

Бе мактабу муаллим
Дунё макони тор аст,
Бо мактабу муаллим
Одам бузургвор аст.

## НИДОИ ОБ

Меравам бо сар шитобон
Сӯи саҳрову биёбон.

Рӯзу шаб, бе роҳату хоб,
Киштҳоро медиҳам об.

Ҳар куҷо бошад биёбон,
Мекунам ман боғу бустон.

Сабза то шодон бароядм,

Лола хандон рӯ кушояд,

То ки гандум хӯша бандад,
То ки мардум хуш бихандад,

Меравам бо сар шитобон
Сӯи саҳрову биёбон…

## БОҒИ МАКТАБ

Як қитъаи заминро
Ҳамвор карда будем,
Сарчамъ гашта, бо шавқ
Шудгор карда будем.

Бо ҳам шинонда будем
Як радда себи хушрӯ,
Дар хатти дигари он
Анҷиру ноку олу.

Соле гузашту бингар

Сабзид боғи зебо,
Як ҷойи дилкушо шуд
Атрофи мактаби мо.

Акнун ба деҳа ин боғ
Файзу сахо бибахшад,
Бар дидаву дили мо
Нуру сафо бибахшад.

# ВАТАН – РОЗӢ,
# МАН – РОЗӢ

Нома аз Довар омад,
Ба номи модар омад.

Модар кард номаро боз,
Бидид ӯ расми сарбоз:

Дидагонаш рахшон аст,
Рӯю лабаш хандон аст.

Нишони китфаш ҷило

Дорад ба мисли тило.

Карда модар табассум,
Аз шодӣ зад дилаш гум.

Гуфто: – Ҷигарбанди ман,
Розӣ кун аз худ Ватан!

Ватан – розӣ, ман – розӣ,
Ман – розӣ, Ватан – розӣ!

# ҲАЙКАЛИ
# ИСМОИЛИ СОМОНӢ

Бовиқору тоҷбарсар,
Шаҳсавори гурздарбар.
Бошукӯҳу бошаҳомат,
Ояму гӯям саломат.
Гӯямат, бобои моӣ,
Баҳри мо ту раҳнамоӣ.
Халқи моро ифтихорӣ,
Номдори ин диёрӣ.

Шуд ба номат зинда тоҷик,

Зиндаву поянда тоҷик.

Пос медорем номат,

Кору пайкору каломат.

Мерасанд аз Оли Сомон

Тоҷикону Тоҷикистон.